Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

1. **Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян мекунад, ки фаъолияти соҳибкорӣ асоси иқтисодиёти ҳар як давлат буда, барои рушди он як қатор мушкилотро бартараф кардан лозим аст. Барои рушди устувори иқтисодии кишвар танҳо фаъолияти соҳибкорӣ метавонад таъсиргузор бошад.

Дар айни замон, ҷомеаи муосири мо бӯҳрони ниҳоят сахтро аз сар мегузаронад, ки дар иқтисодиёт, сиёсат ва дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ инъикос ёфтааст. Яке аз самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба ташаккули рақобат дар муҳити бозорӣ, пур кардани бозори истеъмолӣ бо хизматрасонӣ ва истеҳсоли молу хадамот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаккули доираи васеи моликон мусоидат мекунад, ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, барои рушди иқтисодиёт ва таъмини стратегияи миллӣ бо дарназардошти гуногуншаклии моликият рушди фазои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории инфиродӣ хеле муҳим аст. Муносибатҳои нави иқтисодӣ аз ҳар як соҳибкор фаъолияти мустақилонаву эҷодкорона, таваккалкоронаву ташаббускорона, чолокӣ дар қабули қарорҳо, серҳаракатӣ ва мубориза дар муҳити рақобатро тақозо менамояд. Аммо то имрӯз дар ҷумҳурии мо шаклҳои соҳибкории хурд, аз он ҷумла соҳибкории инфиродӣ бо вуҷуди имкониятҳои азими он ҳанӯз ба параметри стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ табдил наёфтаанд.

Ҳанӯз ҳам дар ташаккул ва суръатбахшии соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот ва масъалаҳои мубрам вуҷуд доранд, ки барои ҳалли худ иҷрои таҳқиқоти илмиро талаб менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки муаллиф аз баланд будани фоизҳои қарзи бонкӣ, мушкилоти сариваќт гирифтани он, ноустуворӣ ва номукаммалӣ дар муносибатҳои андозбандӣ, мавҷудияти санҷишҳои зиёд аз ҷониби мақомоти мухталифи давлатӣ, иброз менамояд, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ монеа ба вуҷуд оварда метавонанд.

Бо дарназардошти ин мушкилот, ки дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мушоҳида мегардад, зарурияти ба таври ҷиддӣ омӯхтани масъалаҳои назариявӣ, гузаронидани таҳлилҳои амиқи ин фаъолият, арзёбии вазъи рушд ёфтани соҳибкории инфиродӣ мегардад, ки дар асоси истифодаи таҳқиқоти намояндагони мактабҳои илмии ватанию хориҷии сарчашмаҳои муътамаду эътирофгардида, асосноккунӣ ва коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба миён омадааст.

Нуктаҳои зикршуда аз мубрам будани мавзуи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз рӯйи Шаҳодатномаи рӯйхати ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.00.06.06.- иқтисоди соҳибкорӣ) мутобиқ буда, ба фаслҳои зерини он мувофиқ аст: 1. Инкишофи назария ва методологияи соҳибкорӣ; 3.Қонуниятҳо ва тамоюли рушди соҳибкории ҳозиразамон; 5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он.

**3. Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии таҳқиқоти унвонҷӯй дар илман асоснок намудани ҷанбаҳои назариявии усулҳо ва роҳҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва коркарду пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди он дар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегарданд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ доранд ва муаллиф онҳоро шахсан ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1). Муаллиф дар асоси омӯзиши маъхазҳои мухталифи илмӣ нуқтаи назари худро доир ба мафҳуми соҳибкории инфиродӣ чунин иброз доштааст: "Соҳибкории инфиродӣ ин амали мақсадноки шахсони воқеӣ маҳсуб шуда, онҳо таваккалкорона дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ баҳри ба даст овардани манфиати молиявӣ ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд"(саҳ.16-31);

2). Муаллиф асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродро дар шароити муосир таҳлил ва омӯхта, барои такмили он дар самти бақайдгирии соҳибкорон, ташкили раванди андозбандӣ ва такмили танзими давлатии онҳо пешниҳодҳои илман асоснок манзур кардааст (саҳ. 47-49 );

3). Ҳангоми таҳқиқот таҳлили ҳолати кунунии соҳибкории инфиродӣ дар асоси нишондиҳандаҳои микдорию сифатӣ гузаронида шуда, модели аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст (84-95);

4). Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ омӯхта шуда, як қатор бартарии он муайян карда шуда, истифодаи судмандии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст (95-108);

5 ) Ҳамзамон самтҳои стратегии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ муайян карда шуда, такмили низоми андозбандии

соҳибкорони инфиродӣ, ки дар осон намудани мушкилие, ки аснои маъмурикунонии андоз ба вуҷуд омадааст, асос ёфта, бо ин роҳҳо боз ҳам тақвият додани имтиёзҳои андозӣ ба чунин соҳибкорон ногузир шуморида шуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, аз қабили ба роҳ мондани муҳосибот, истифода аз барномаҳои замонавии электронӣ, пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти давлатӣ тариқи электронӣ тавсияҳо дода шудааст (114-124; 132-137; 141, 151).

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- ташаккули асосҳои илмию назариявии мафҳуми соҳибкории инфиродӣ ва аниқ намудани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он;

- муайян ва асоснок намудани ҳадафҳои асосии соҳибкории инфиродӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

- таҳлил ва такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир;

-арзёбии вазъи муосири соҳибкории инфиродӣ дар асоси нишондиҳандаҳои микдорию сифатӣ ва таҳияи модели илман асоснокшуда;

- омӯхтани таҷрибаи хориҷии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи судманди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асоснок намудани самтҳои стратегии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва механизми рушди он.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Мақсади таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва таҳлили механизми такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ бо дарназардошти мукаммал гардонидани самтҳои ташкилию сохторӣ ва институтсионалӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз он ҷумла таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои умумиилмии диалективӣ-мантиқӣ, таҳлил ва синтез,

муқоисанамоӣ, таҳлили корелятсионӣ, амсилабандии иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки татбиқ ва тасдиқи ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмуи чорабиниҳои самаранок вобаста ба дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ дар сатҳҳои гуногуни минтақавӣ аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ коркард шаванд.

Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии қонунгузорӣ дар самти рушди соҳибкории инфиродӣ, ташкили инфрасохтори ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ бо тақвияти маблағгузорӣ ва молиякунонии чунин фаъолият, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии сайёр бахри такмили малакаи соҳибкорони инфиродӣ, коркарди стратегияи рушди устувори соҳибкории инфиродӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд истифода шаванд.

Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораи амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Баъзе аз хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти соҳибкорӣ, инчунин дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисодиёт истифода шаванд.

Маводҳои таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Бизнес-нақшагирӣ”, “Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд” ва “Андозбандии соҳибкории инфиродӣ” дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд.

Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод

гардиданд: Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша”, 21-22 июни 2018 с., ш. Душанбе; Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амали байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ “VII –умин конференсияи илмию амалии байналмилалӣ” (ш. Душанбе . 2019”, 30 марти соли 2023.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо**

Аҳамияти назариявию амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар он аст, ки татбиқи хулосаҳо ва пешниҳодоти асоснокшудаи диссертатсия ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ мусоидат мекунанд.Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби диссертант ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ арзёбӣ намудани рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муаллиф ҳангоми тайёр намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ худ 11 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 8 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки ин ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст мувофиқат мекунад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият даровaрда шудааст ва ба забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ, ии диссертатсия ба талаботҳое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**8.Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷамбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳоро қайд кардан лозим мешуморем, ба монанди:

1. Дар муқаддима дар саҳ. 12-13 дар қисмати саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ диссертант ба ҷои саҳми шахсии муаллиф қисмати амалии таҳқиқот, яъне дар кадом сохторҳои давлатӣ натиҷаҳои таҳқиқот татбиқ мегарданд оварда шудааст;

2. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони ватаниву хориҷиро оид ба соҳибкорӣ ва соҳибкории инфиродӣ нишон додааст, хуб мешуд агар дар шакли ҷадвал онҳоро гурӯҳбандӣ менамуд ва нуқтаи назари муаллифии хешро низ дар он ҷой медод;

3. Муаллиф ҳангоми гузаронидани таҳқиқот дар шакли ҷадвал намудҳои хавфро дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ муайян кардааст, вале онҳоро ба таври зарури шарҳу тавзеҳ надодааст;

4. Дар зербоби 1.3. дар саҳ. 49 дар расми 4 масоили рушди соҳибкории инфиродиро пешниҳод намудааст. Савол ба миён меояд, ки монеаю мушкилот масоили рушди ин равандро то чи андоза таъмин мекунанд?;

5. Дар зербобҳои 2.1., 2.2. ва 2.3. аз ҷониби муаллиф таҳлилҳои ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ба маврид гузаронида шуда аст, аммо мутаассифона натиҷаи ин таҳлилҳо дар хулосаи зербобҳо нишон дода нашудааст;

6. Дар саҳ. 58 расми 6 – Ҳадафҳои соҳибкорӣ диссертант вазифаҳои соҳибкориро ҳамчун ҳадафу мақсадҳои он муаррифӣ кардааст.

Истеҳсоли молу хизматҳо ин вазифаи соҳибкорӣ мебошад барои ноил шудан ба ҳадафи худ, яъне ба даст овадани фоидаи бештарин. Қисмати дигари ин расм, мақсадҳои муҳим, мақсаду ҳадаф инҳо синоним мебошанд;

7. Муаллиф дар ҳангоми таҳлили таъсири омилҳои ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсиррасон аз амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ истифода карда бошад, ҳам ба таври зарурӣ ин омилҳоро зикр накардааст ва натиҷаи ин амсила дар хулосаи боби 2 оварда нашудааст.

8. Мутаассифона, дар матни рисола ва дар баъзе номгӯйи феҳристи адабиёт ғалатҳои имлоӣ ва ё техникӣ боиси коҳиш ёфтани ҳусни кор гардидааст.

Вале камбудиҳои зикршуда бештар характери тавсиявӣ доранд, аҳамияти назариявию методӣ ва амалии рушди соҳибкории инфиродии диссертатсияро паст намекунанд.

Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ватанӣ дар соҳаи иқтисодиёти соҳибкории инфиродӣ саҳми сазовори худро гузорад.

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродиро ифода менамояд.

## 9.Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи « Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ,**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Суроғаи донишгоҳ: 734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, Хиёбони Рудакӣ, 17. Тел.: (+992) 934 23 82 20 E-mail: tuhfamoh49 @mail. ru**

Имзои профессор Низамова Тӯҳфамо Давлатовнаро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш.Тавқиев

08.02.24